# Хулосаи

**Комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Баҳодуров Бехрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи «Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 03 – таърихи умумӣ (давраи дахлдор) пешниҳод шудааст.**

1. Дар тӯли асри XX ва ибтидои асри XXI Афғонистон чанд марҳилаи навсозӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти бунёдии тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро аз сар гузаронида аст, вале новобаста аз имкониятҳои васеи сиёсӣ ва фарҳангию маънавӣ бештари онҳо ноком анҷом ёфтанд. Афғонистон дар асри XX ба арсаи рақобатҳои сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодии кишварҳои ҳамсоя, минтақа ва қудратҳои бузурги ҷаҳон табдил ёфта, таҳти таъсири омилҳои дохилию берунӣ дар кишвар равандҳои мураккаб ва пурихтилоф ба амал омаданд, ки сабабгори ошӯбу қиёмҳои мусаллаҳона, табаддулотҳои давлатӣ ва инқилобҳо, ҷанги тӯлонии шаҳрвандӣ ва низоъҳои қавмӣ гардиданд.

Равандҳои сиёсии Афғонистон нишон доданд, ки дар ҳар марҳила ташаббуси навсозии иҷтимоию сиёсии ҷомеа боиси мухолифати созмону гурӯҳҳои муайян гардида, сабаби ба вуҷуд омадани ҷангу бесуботиҳо шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи навсозӣ дар марҳилаи пешниҳодшуда, дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973 буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона аст. Сохтори рисола ба талаботи мавҷуда пурра

мувофиқ аст. Рисола дорои навгонӣ буда,  натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.03. – таърихи умумӣ (давраи дахлдор) мувофиқат мекунад, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 4 майи соли 2021, таҳти рақами 156/8я ҳуқуқи қабули диссертатсияи номзадии Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи «Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 03 – таърихи умумӣ (давраи дахлдор) барои ҳимояи якдафъаина додааст. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва ба қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, таҳти № 5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мавзӯи диссертатсия бевосита дахл доранд. Теъдоди маводи нашршуда ба банди 14 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дастгоҳи илмӣ тибқи талаботи муайяннамудаи КОА тартиб дода шудааст. Рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич маълумоти носаҳеҳ вуҷуд надорад.

6. Рисолаи дахлдор ба ихтисоси 07.00.03- таърихи умумӣ (давраи дахлдор) пурра мутобиқат дорад.

7. Мазмуну мухтавои автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад. Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти № 505 тасдик гадидааст ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи «Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 03 – таърихи умумӣ (давраи дахлдор) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз руйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Латифов Ҷ. Л., доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Ҳаким Абдулло Раҳнамо, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи робитаҳои адабии хориҷии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
Доктори илмҳои таърих, профессор М. Олимов

**Аъзои комиссия:**
Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Саидов Ҳ. С.

Доктори илмҳои таърих, профессор Шарифов Р.Я.